# Фишурдаи фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 6 Феврал, 2024 - 13:35
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи Кумита ба роҳ монда, пешбурди сиёсати забон ва ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба забони давлатиро амалӣ намуд.

Вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи Низомнома яке аз ваколатҳои асосии Кумита ба шумор рафта, риояи татбиқи муқаррароти Қонуни мазкурро дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ мунтазам назорат менамояд. Дар ин замина, гурӯҳи кории Кумита (15-24 май) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, шуъбаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №18 ва №20-и шаҳри Хуҷанд, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи маориф ва Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Спитамен, (9-15 июн) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи маориф, бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, беморхонаи марказӣ ва таваллудхонаи ноҳияи Нуробод ва (июл) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи маориф, шуъбаи фарҳанг ва бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро мавриди санҷиш қарор доданд.

Дар соли 2023 аз ҷониби Кумита ҷиҳати назорати риояи вазъи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» фаъолияти 28 муассиса, аз ҷумла, 17 адад мақомоту муассисаҳои давлатӣ ва 11 субъектҳои хоҷагидор ва якҷоя бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 2 мақомоти давлатӣ (Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Варзоб) мавриди санҷиш қарор гирифтанд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2022, 22 адад ё 56% камтар мебошад.
Қобили зикр аст, ки Кумита бо мақсади назорат ва муайян намудани мутобиқати забони давлатӣ дар эълону рекламаи 456 адад лоиҳаи ангораҳои соҳибкорон, ташкилоту муассисаҳои рекламаистеҳсолкунандаро дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиши шаҳри Душанбе» мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ба талаботи Қонуни мазкур мутобиқ намуда, эълону рекламаҳои ғайримеъёрӣ ислоҳ карда шудаанд. Ҳамзамон, дар соли равон Кумита дар ҳамкорӣ бо мақомоти прокуратура назорати татбиқи Қонуни мазкурро ба роҳ монда, нисбат ба ташкилоту муассисаҳо, марказҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои савдо огоҳӣ ва санади ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, барои чораҷӯӣ ба мақомоти суд пешниҳод намуд. Дар асоси маълумоти пешниҳоднамудани Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми январи соли 2024, №1076/19 дар соли 2023 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ вобаста ба риоя нагирдидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 35 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, ба шахсони ҳуқуқвайронкунанда ҷарима ба андозаи 30684 сомонӣ таъин гардида, аз ин маблағ 26604 ба фоидаи давлат рӯёнда шудааст.

Инчунин, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, аз ҷумла, коркарди истилоҳот, баррасии луғату фарҳангномаҳои пешниҳодгардида, яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумита ба ҳисоб меравад. Дар соли 2023 дар Кумита 4 фарҳангномаи тахассусӣ (43960 истилоҳ), 1 фарҳанги

истилоҳоти соҳавӣ, 4 дастури таълимӣ шомили 468 истилоҳ ва 8 китоби таълимӣ-омӯзишӣ ва дастурамалҳои машваратӣ бо фарогирии 560 истилоҳи соҳавӣ, ки дар умум, 45111 вожаву истилоҳро дар бар мегиранд ва матни 12 филмномаи Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» мавриди баррасӣ ва мувофиқа қарор гирифтаанд, ки ин нишондиҳанда ҷиҳати коркарду баррасии истилоҳот нисбат ба соли гузашта 8515 истилоҳ ё 18,8% зиёдтар аст (соли 2022, дар умум, 36596 истилоҳот).

Баррасӣ, коркард ва пешниҳод намудани хулосаҳои забоншиносии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводди судӣ ва номгузории шахсони воқеӣ ва ташкилоту муассисаҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумита ба шумор рафта, корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла, дар соли равон аз ҷониби вазорату идораҳо ба Кумита 84 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, аз нигоҳи экспертизаи забоншиносӣ ва танзиму ҳамгунсозии истилоҳот мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, ки дар муқоиса ба давраи соли 2022 (соли 2022 теъдоди 148 адад) 64 адад ё 43,2% камтар мебошанд.

Дар соли 2023 Кумита «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2023, №83 тасдиқ карда шудааст.

Кумита дар соли 2023 ба 1228 муроҷиати шаҳрвандон оид ба номгузории фарзанд хулоса пешниҳод намудаст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2022, 106 адад ё 13,6% муроҷиат камтар мебошад (дар соли 2022 шумораи он 1334 адад буд). Бинобар ин, бо қабул гардидани «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» дар таҳрири нав ва дар Феҳрист ворид гардидани номҳои нав шумораи муроҷиаткунандагон оид ба номгузории фарзанд торафт камтар мегардад.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2023 аз ҷониби мақомоти дахлдор ба Кумита 10 адад маводди судӣ барои хулосаи экспертизаи забоншиносӣ пешниҳод гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022, 6 адад ё 37,5% камтар мебошад (дар соли 2022 теъдоди 16 адад мавод буд).

Кумита дар давоми соли 2023 дар умум, ба номгузории 51 адад муассисаю ташкилот, ҶДММ ва ҶСП аз лиҳози экспертизаи забоншиносӣ ва танзими истилоҳот хулоса пешниҳод намудааст, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 (28 адад номгузорӣ, аз ҷумла, 14 номи муассисаи таълимӣ ва 14 номи ташкилоту муассисаҳо) 23 адад ё 45,0% зиёдтар мебошад.

Дар соли 2023 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳои дахлдор 89 номи маҳалли аҳолинишин, 639 номи ғайримеъёрии ивазшавандаи ҳудуди шаҳру ноҳияҳои кишвар, ҷамъ, ба 728 номи маҳалли аҳолинишин ва объектҳои ҷуғрофии ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, хулоса пешниҳод намуда, ба 3522 ном барои иваз намудани номҳои объектҳои ҷуғрофии кишвар тавзеҳнома навиштааст.

Кумита бо мақсади ҳифзи таъмини рушди сиёсати забони давлатӣ ва тарҷума ҷиҳати иҷрои бандҳои 50-и Нақшаи амалисозии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 лоиҳаи қарор «Дар бораи Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намуда, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Соли 2023 дар Кумита 26 адад чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ, нишастҳои матбуотӣ, аз ҷумла, 4 ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумита, 4 конференсияи илмӣ-амалии ҷумуҳуриявӣ, 8 адад чорабинӣ оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мизи мудаввар ва 3 адад чорабинии дигар дар сатҳи баланд баргузор карда шуданд. Кормандони Кумита дар 80 чорабинии илмӣ, фарҳангӣ, озмунҳо, дар 40 машғулияти омӯзишӣ-семинарии вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ оид ба омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», дар 57 барномаи телевизионӣ ва 36 барномаи радиоӣ иштирок намуда, оид ба сиёсати давлатии забон баромад намудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумита дар ҳамкорӣ бо олимон ва мутахассисони соҳа китобҳои «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» дар таҳрири нав, «Роҳнамои коргузорӣ» ва «Дуруст бинависем»-ро таҳия ва нашр намуд. Дар Кумита маҷаллаи «Забон ва истилоҳот» фаъолият менамояд, ки дар як сол 4 маротиба ба нашр расонида мешавад. Роҳбарият, аъзои мушовара ва кормандони Кумита дар соли равон доир ба таблиғу ташвиқи сиёсати давлатии забон беш аз 58 мақолаи илмӣ ва амалӣ таҳия ва ба нашр расониданд.

Қобили зикр аст, ки дар Кумита почтаи электронӣ: info@kumitaizabon.tj [2] фаъолият

менамояд ва дар соли 2023 аз он 19 миллиону 725 ҳазору 126 нафар (дар умум, 73 миллиону 770 ҳазору 126 нафар) муштарӣ истифода намудааст.
Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ дар Кумита 1816 содироти мактуб ва гузоришу хулосаҳо, аз ҷумла, 143 мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1673 мактуб ба вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида аз ҷониби Кумита ирсол гардидааст. Ҳамчунин, дар соли ҳисоботӣ 126 адад фармоишҳои раиси Кумита ба тасвиб расидаанд.
Инчунин, дар соли 2023 ба теъдоди 4170 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути телефон, шифоҳӣ, шабакаи интернет, электронӣ ва дар ҷараёни қабули рӯзҳои шанбе ба Кумита ворид гардидааст, ки ба онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дода шудааст.
Кумита дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ тамоми неруи худро баҳри назорати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарки амиқи сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи Пешвои миллат оид ба рушди забони давлатӣ чораҳои муассир меандешад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

**Замима:** Нишасти матбуотӣ 2024.pptx [3]
ТАҚДИМИ ФИШУРДА 2023 - PDF.pdf [4]

## Категория:

- Гузоришҳо [5]
- Ахбори рӯз [6]

- 

-

- 

-

-

- 

- 

-

-

- 

- 

- 

-

- 

-

- 

- 

- 

https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/%D0%A2%D0%90%D2%9A%D0%94%D0%98%D0%9C%D0%98%20%D0%A4%D0%98%D0%A8%D0%A3%D0%A0%D0%94%D0%90%202023%20-%20PDF.pdf

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/fishurdai-faoliyati-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati-chumkhurii-tochikiston-dar?mini=2026-05

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20240206_112501.jpg [2] mailto:info@kumitaizabon.tj [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/articleattachments/%D0%9D%D0%B8%D1%88%D0%B0%D1%81%D1%82%D0%B8%20%D0%BC%D0%B0%D1%82%D0%B1%D1%83%D0%BE%D1%82%D3%A3%202024.pptx [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/articleattachments/%D0%A2%D0%90%D2%9A%D0%94%D0%98%D0%9C%D0%98%20%D0%A4%D0%98%D0%A8%D0%A3%D0%A0%D0%94%D0%90%202023%20-%20PDF.pdf [5] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [6] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [7] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_112501.jpg [8] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_112533.jpg [9]

https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_112547.jpg [10]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_112644.jpg [11]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_112738.jpg [12]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_112928.jpg [13]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_113013.jpg [14]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_114618.jpg [15]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_114628.jpg [16]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_115238.jpg [17]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_115243.jpg [18]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_115634.jpg [19]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_115649.jpg [20]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_120308.jpg [21]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_120326.jpg [22]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_120337.jpg [23]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_120910.jpg [24]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_121702.jpg [25]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_123108.jpg [26]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20240206_123148.jpg